**Протоколи №2**
**ҷаласаи васеъи Шурои олимони факултети техникӣ ва технологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз 28.09.2022 с. ш. Бохтар

**Иштирок карданд:**

**Аъзоёни ШО-и факултет:** *Муродзода Ф.Р. – номзади илмҳои физика-математика, дотсент, раис; Муродов С.Д. – омӯзгор, котиб; Абдуллоев С.С. – номзади илмҳои техникӣ, дотсент; Холов Н.Ш. – номзади илмҳои техникӣ; Исломов С. – номзади илмҳои техникӣ, дотсент; Боев С.Г. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент; Алламуродов Б.Н. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент; Рузимуродов А.А. –номзади илмҳои техникӣ; омӯзгорон: Қурбонов Н.С., Фақиров Ҷ.Ҳ., Бобокалов Н.Р., Маҳмадалиев Э.Ш., Наҷмиддинов Д.И., Ҷалолзода Д., Абдураҳмонов Д.М., Абдурозиқов Э., Саидов А.Р., Нурматова Ғ., Рауфов С.Г., Зубайдов М., Қурбонов А.Н., Набиев А.П., Каримов С.Н., Шоназаров Р. С., Холов Д.А., Авезов З.М., Ҷонмаҳмадов И.Т.,*

**Даъватшудагон:** *Фохаков А.С. – доктори илмҳои техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ; Ҳамдамзода Х.А. – муовини ректор оид ба таълими ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент; Раҳимов П.С. – декани факултети молиявию иқтисодии ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ; Холназаров М.Х. – декани факултети менеҷмент ва идораи сайёҳии ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ; Бақоев Ш.С. – декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодии ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ.*

**Рӯзнома**:

муҳокимаи кори диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи наклиёти автомобилии ДДБ ба номи Носири Хусрав Ашуров Носир Амонкулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори наклиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иктисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти наклиёт) пешниҳод карда шудаас.

**Роҳбари илмӣ:**

Раҷабов Р.К. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Муқарризон:**

**Абдуллоев С.С.** – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи Сохтмони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

**Камолиддинов Б.Т.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ.

**Раис**

Ҳозирини муҳтарам, имрӯз дар ҷаласа диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт), мавриди муҳокима қарор дода мешавад.

Диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯи кафедраи нақлиёти автомобилии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Ашуров Носир Амонқулович тахти роҳбарии Раҷабов Р.К. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Барои эъломи мундариҷаи асосии диссертатсия сухан ба Ашуров Носир Амонқулович дода мешавад.

**Ашуров Н.А.**

Мухтасар оид ба самт ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии худ маълумот пешниҳод намуд (маърӯза замима мегардад).

**Раис**

Маърӯза ба охир расид. Марҳамат саволҳо.

**Абдуллоев С.С.** – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи Сохтмони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Дар минтақаи вилояти Хатлон кадом намудҳои воситаҳои нақлиёт истифода бурда мешаванд ва кадоме аз онҳо барои истифодабари афзалтар аст?

**Ашуров Н.А.**

Аслан дар вилояти Хатлон панҷ намуди воситаи нақлиёт мавриди истифода қарор дорад, ки ин нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ, қубурӣ ва дарёӣ мебошанд. Ҳар як аз ин намуди нақлиёти истифодашаванда хусусиятҳо, бартариятҳо ва нуқсонҳои худро доранд.

Бо дарназардошти шароити иқлими вилоят, ки бисёре аз минтақаҳои онро кӯҳсор ташкил медиҳад, мавқеи муҳимтарини стратегиро дар байни навъҳои дигари нақлиёт нақлиёти автомобилӣ ишғол мекунад, ки таъмини ҳамлу нақли борҳои дохилӣ ва фарогири тамоми минтақаҳои вилоят мебошад. Аз ин рӯ, нақлиёти автомобилӣ ҳамчун ҷузъи асосии инфрасохтори истеҳсолӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ нақши асосӣ мебозад.

Профессор Раҷабов Р.К. чунин назар дорад, ки «Инфрасохтори нақлиётӣ яке аз муҳимтарин зерсистемаҳои бозор аст. Он ҳамчун асосҳои моддӣ барои

муносибатҳои байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ шароити мусоид фароҳам меорад».

**Алламуродов Б.Н.** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими технологияи ДДБ ба номи Носири Хусрав.

Аз тарафи олимони ватанӣ нисбати мавзӯи интихобнамудаи Шумо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурда шудааст?

**Ашуров Н.А.**

Омӯзиши системаи нақлиётӣ-логистикӣ айни ҳол тамоюли афзоянда дорад ва ба рушди ин низом дар минтақаҳо мутахассисони самтҳои гуногун машғуланд. Бисёре аз муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ корҳои худро дар роҳи ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва ташкили инфрасохтори нақлиётӣ бахшидаанд, аз ҷумла: И.Д. Афанасенко, В.Г Афанасева, .В.И. Борисов, В.И. Бураков, Э.М. Гаджинский, А.Л. Носов, А.Г. Гранберг, В.С. Колодин, А.И. Семененко, С.А. Умаров, ва дигарон. Миёни муҳаққиқони ватанӣ корҳои илмии И.А. Амонуллоев, М.М. Алибаева, Д.У. Уроқов, О.Б. Бобоев, А.Х. Катаев, Р.К. Раҳимов, Л.Х. Саидмуродов, А. Рауфӣ, О.К. Сангинов, Н.К. Қаюмов, Т.Н. Назаров, Ф.М. Ҳамроев, Х.Х. Ҳабибуллоев, У.Д. Ҷалилов, А.С. Фохаков, П.Д. Хоҷаев, Р.К. Раҷабов ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

Дар раванди омӯзиши масъалаҳои таҳқиқот дар ин самт бисёр масъалаҳои ҳалношуда боқӣ мондааст. Масъалаҳои омӯхтанашуда дар самти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон низ таъсири худро ба рушди соҳаи нақлиёт гузоштааст. Бисёр паҳлуҳои масъала омӯхта нашудаанд ва онҳо таҳқиқоти мукаммалро талаб менамоянд. Инчунин оид ба ташкили инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, муайян кардани масоил, роҳҳои баланд бардоштани неруи захираҳои минтақавӣ ва тавсияҳои асосноки амалкунанда барои беҳтар намудани рақобатпазирии инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити муосир диққат додан лозим аст.

**Боев С.Г.** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими технологияи ДДБ ба номи Носири Хусрав.

Мақсади кори диссертатсионии Шумо аз чи иборат аст ва кадом идора ё корхона таҳқиқоти кори диссертатсионии Шуморо татбиқ менамояд?

**Ашуров Н.А.**

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди назариявӣ ва методии ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ, арзёбии самтҳои афзалиятноку тамоюли он дар шароити муосир мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро натиҷаҳои маълумот, маводи нашркарда нисбат ба кори мо, хулоса ва тавсияҳои дар таҳлили илмӣ бадастомада, натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ тасдиқ менамоянд. Инчунин натиҷаҳои бадастомада ва татбиқнамоии таҳқиқоти диссертатсиониро санадҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикии вилояти Хатлон» ва

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» тасдиқ менамоянд.

**Холов Н.Ш.** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи нақлиёти автомобилии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ минтақавӣ барои баланд бардоштани соҳаи саёҳӣ чи аҳамият дорад?

**Ашуров Н.А.**

Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои мухталиф дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар ҳама гуна сохторҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташрифи шумораи зиёди одамон, аз ҷумла шахсиятҳои маъруфи сиёсии сатҳи миллӣ ва байналмилалиро даъват карда мешаванд, ки бевосита онҳо аз инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ истифода мебаранд. Чунин чорабиниҳо ва ҷамъомадҳо ҳамасола ҳангоми ҷашни иди Наврӯз дар як чанд шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад, ки шумораи зиёди меҳмонон ва сайёҳони хориҷӣ ташриф меоранд. Ҳамаи ин меҳмонон ва сайёҳон барои дидани минтақаҳои Тоҷикистон бештар аз нақлиёти автомобилӣ истифода мебаранд, ки ин талабот, бешубҳа рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, сатҳи баланди хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ метавонад дар рушди соҳаи сайёҳии мамлакат мусоидат намояд.

**Раҳимов П.С.** – декани факултети молиявию иқтисодии ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ.

Барои соҳаи нақлиёти вилояти Хатлон, ҳаҷми сармоягузорӣ дар солҳои таҳлилшуда чиқадарро ташкил медиҳад?

**Ашуров Н.А.**

Яке аз омилҳои асосии дастгирии рушди иқтисодии ҳар як кишвар рушди инфрасохтори нақлиётӣ мебошад. Барои ҳалли мушкилоти афзоянда дар ин соҳа, сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ яке аз роҳҳои муассир ва боэътимоди ҳавасмандгардонии иқтисодиёт мебошад. Дар муддати кутоҳ сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро ҳал мекунад ва ҷойҳои нави корӣ фароҳам меорад.

Мувофиқ ба маълумотҳои шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон оид ба сармоягузорӣ дар соли 2020-ум нишон медиҳанд, ки дар вилояти Хатлон ҳамагӣ 264 км таъмири асосӣ (асфалтпуш), 507 км сангфарш, 3367 км таъмири ҷорӣ, 137 адад пулу қубурҳо ба маблағи умумии 198 миллиону 232 ҳазор сомонӣ таъмиру азнавсози гардидаанд. Аз ин микдор: таъмири асосӣ аз ҷониби соҳибкорону аҳолӣ 206 км, аз буҷаи ҷумҳуриявӣ 38 км ва инчунин дар умум 518 км сангфарш ва 81 адад пулу қубурҳо мебошад. Инчунин роҳҳои дохилии шаҳрҳои Бохтару Кӯлоб ба масофаи 20,3 км ба маблағи 40,8 млн. сомонӣ азнавсозӣ гардидаанд.

**Раис**

Боз савол ҳаст! Нест. Ташаккур. Сухан ба роҳбари илмӣ, профессор Раҷабов Р.К. дода мешавад.

**Раҷабов Р.К.**

Дар маърӯзаи худ оид ба диссертатсия ва муаллифи он маълумот пешниҳод намуд (замима мегардад).

**Раис**

Ташаккур. Ба муҳокимаи кори диссертатсионӣ мегузарем. Сухан ба муқарриз Абдуллоев С.С. номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи сохтмони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дода мешавад.

**Абдуллоев С.С.**

Дар маърӯзаи худ оид ба муҳиммият, самтҳои таҳқиқот, афзалият ва камбудиҳои он сухан ронда дар охир хулосаҳои худро пешниҳод намуд (тақриз замима мегардад).

**Раис**

Сухан ба унвонҷӯ Ашуров Н.А. барои посух додан ба эродҳои муқарриз дода мешавад.

**Ашуров Н.А.**

Мӯҳтарам раис, иҷозат диҳед миннатдории хешро ба муқарриз, номзади илмҳои техникӣ Абдуллоев С.С. барои баҳодиҳии холисона ба кори диссертатсионӣ, баён намоям. Инчунин мехостам доир ба баъзе эродҳои ӯ фикри худро баён намоям:

**Нисбати эроди якум:** чунин қайд карданӣ ҳастам, ки баъзе ғалатҳои техникии дар кор мавҷудбуда пурра ислоҳ ва таҳрир карда шуд.

**Нисбати эроди дуюм:** ба эроди дуюми муққариз розӣ буда наметавонам, зеро калимаҳо ва ҷумлаҳое, ки истифода гардиданд, мафҳуми умумии иқтисодӣ ва хизматрасонии нақлиётиро доро ҳастанд.

**Нисбати эроди сеюм:** баъзе хатоиҳои имлоие, ки дар кор вуҷуд доранд ислоҳ ва бартараф карда шуданд.

Ба эродҳои боқимондаи муқарриз мо розӣ ҳастем ва кӯшиш менамоем, ки дар таҳқиқотиояндаи илмии худ аз он самаранок истифода барем.

**Раис**

Ташаккур. Сухан ба муқарриз Камолиддинов Б.Т. – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ дода мешавад.

**Камолиддинов Б.Т.**

Дар маърӯзаи худ оид ба муҳиммият, самтҳои таҳқиқот, афзалият ва камбудиҳои он сухан ронда, дар охир хулосаҳои худро пешниҳод намуд (тақриз замима мегардад).

**Раис**

Сухан ба унвонҷӯ Ашуров Н.А. барои посух додан ба эродҳои муқарриз дода мешавад.

**Ашуров Н.А.**

Муҳтарам раис, иҷозат диҳед миннатдории хешро ба муқарриз номзади илмҳои иқтисодӣ Камолиддинов Б.Т. барои баҳодиҳии холисона ба кори диссертатсионӣ, баён намоям. Инчунин мехостам оид ба баъзе эродҳои ӯ фикри худро баён намоям:

**Нисбати эроди якум:** хатогиҳои имлоии мавҷудбуда бартараф карда шуданд.

**Нисбати эроди дуюм:** ба эроди дуюм розӣ ҳастам ва то ба сатҳи муҳокима баромадан дар ҳолати зарурӣ ҳатман ин эрод ислоҳ карда мешавад.

**Нисбати эроди сеюм:** розӣ буда наметавонам, зеро дар кор таҳлили корхона дар ҳаҷми зарурӣ оварда шудааст.

Ба эродҳои боқимондаи муқарриз мо розӣ ҳастем ва кӯшиш менамоем, ки то ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудан камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намоем.

**Раис**

Ба муҳокимаи масъала мегузарем. Марҳамат, кӣ баромад кардан мехоҳад.

**Дар муҳокимаи кори диссертатсионӣ иштирок намуданд:** Исломов С. – номзади илмҳои техникӣ, дотсент; Холов Н.Ш. – номзади илмҳои техникӣ; Фохаков А.С. – доктори илмҳои техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ; Муродзода Ф.Р. – номзади илмҳои физика-математика, дотсент, ки дар баромадҳои худ оид ба рӯзмаррагии мавзуи таҳқиқот, сатҳи илмии он, навовариҳои илмии он, аҳамияти амалӣ, саҳми унвонҷӯ дар коркарди масъалаҳои назариявии таҳқиқот ва ғайра сухан ронда, аз ҷумла қайд намуданд, ки дар маҷмуъ диссертатсия ба талаботи нисбат ба корҳои диссертатсионӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ буда, он дорои маълумоти хусусияти илмӣ-амалӣ мебошад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ашуров Носир Амонкулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) пешниҳод гардидааст, баитмомрасида ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ашуров Носир Амонкулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) барои баррасӣ ва ҳимоя бо дарназардошти ислоҳи

камбудиҳои ошкоргардида ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласаи васеъи Шурои олимони факултети техникӣ ва технологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (протоколи №2, аз 28.09.2022 с.) 33 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода: тарафдор 33 нафар, зид нест, бетараф нест.

Раиси Шурои олимони факултети
техникӣ ва технологии ДДБ ба номи
Носири Хусрав н.и.ф-м., дотсент — Муродзода Ф.Р.

Котиби илмии Шурои олимони факултети
техникӣ ва технологии ДДБ ба номи
Носири Хусрав, омӯзгор — Муродов С.Д.

**Муқарриз**
н.и.т., дотсенти кафедраи сохтмони
факултети техникӣ ва технологии
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Абдуллоев С.С.

**Муқарриз**
н.и.и., муаллими калони кафедраи
иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ — Камолидинов Б.Т.

Имзои Камолидинов Б.Т.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори ШК ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ — Шарипова Д.А.

Имзои Муродзода Ф.Р., Муродов С.Д.
ва Абдуллоев С.С.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори ШК ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав
аз 04 10 2022 с. — Шукурзод Ҷ.А.